**ВАЗОРАТИ МОЛИЯИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

**ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

**ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ МОЛИЯ ВА ИҚТИСОДИ ТОҶИКИСТОН**

# Дастури методӣ

## доир ба гузаронидани таҷрибаомӯзии таълимӣ, истеҳсолӣ ва пешаздипломӣ (барои донишҷӯёни ихтисосҳои 1-24010300 – ҳуқуқи иқтисодӣ, 1-24010302 – танзими ҳуқуқии молия ва қарз, 1–96010101 – таъмини ҳуқуқии фаъолияти гумрукӣ)

**Душанбе – 2022**

Бо қарори Шӯрои илмӣ - методии Донишгоҳи давлатии молия ва иктисоди Тоҷикистон суратмаҷлиси № 7/4.28 аз 23 феврали соли 2022 ба чоп тавсия карда шудааст.

**Муқарризон:**

Сардори раёсати таълими Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, номзади илмҳои педагогӣ, дотсент Қаландаров А.Ш.

Доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессори кафедраи ҳуқуқи тиҷоратии Донишгоҳи давлатии тиҷоратии Тоҷикистон Меликов У.

**Бобоев Ҷ.Қ., Шарипов У.А., Каримов Х.М., Оралбаев Х.Х.**
Дастури методӣ доир ба таҷрибаомӯзии таълимӣ, истеҳсолӣ ва пешаздипломӣ // Дар зери таҳрири умумии н.и.ҳ., дотсент Бобоев Ҷ.Қ. - Душанбе: ДДМИТ, 2022. - 56 саҳ.

Дастури методӣ доир ба гузаронидани таҷрибаомӯзии таълимию истеҳсолии донишҷӯён мувофиқи нақшаи таълимии ихтисоси 1-24010300 – ҳуқуқи иқтисодӣ, 1-24010302 – танзими ҳуқуқии молия ва қарз, 1-96010101 – таъмини ҳуқуқии фаъолияти гумрукӣ таҳия шудааст. Дастури методии мазкур ба донишҷӯён имкон медиҳад усулҳои ҷамъбасткунӣ, пешниҳоди иттилоот ва таҳлили ҳодисаҳои тадқиқшавандаро аз худ намуда, сатҳи омодагӣ ва касбиашонро баланд бардоранд.

Мундариҷа


Сарсухан ………………………………………………………… 4

1. Ташкил ва тартиби гузаронидани таҷрибаомӯзӣ ……………..…. 6

2. Мақсад, вазифа ва мазмуни таҷрибаомӯзии таълимӣ, истеҳсолӣ ва пешаздипломӣ………………………………..…..…….  10

3. Ташкил ва роҳбарии таҷрибаомӯзӣ ………………………  25

4. Барасмиятдарории маводҳои ҳисобот ва аттестатсия доир ба ҷамъбасти таҷрибаомӯзӣ ………………………..………....  33

5. Барномаи таҷрибаомӯзӣ ……………………….….……….. 36

6. Барасмиятдарорӣ ва ҳимояи ҳисоботи таҷрибаомӯзӣ …... 38

Замимаҳо ……………………………………………………..  44

## Сарсухан

Дар даврai гузариш ба муносибатҳои бозорӣ таҷрибаомӯзии донишҷӯён дар мақомоти давлатӣ ва корхонаву муасисаҳои истеҳсолии ҷумҳурӣ, новобаста аз шакли моликияташон ҳамкории тарафайнро талаб менамояд. Зеро ки таклифот (дархостҳо)-и муассисаҳои олии таълимӣ оид ба ташкили таҷрибаомӯзии донишҷӯён аз ҷониби муассисаҳо дастгирӣ наёбад ҳам, вале тибқи Стандарти давлатии таҳсилот дар муассисаҳои олии касбӣ гузаронидани таҷрибаомӯзӣ ҳамчун талаботи зарурӣ ва ҳатмӣ боқӣ мондааст. Аз ин хотир, таъмини донишҷӯён бо ҳуҷҷатҳои меъёрӣ ва маслиҳатҳои судманд оид ба таҷрибаомӯзӣ гарави самаранок ташкил ва гузаронидани он мебошад.

Тибқи фармони Вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон № 2453 аз 07 октябри соли 2010 дар муассисаҳо гузаронидани таҷрибаомӯзӣ ҳамкории тарафайнро тақозо менамояд.

Ҷузъи муҳими ташкил ва гузаронидани таҷрибаомӯзии донишҷӯён таъмини онҳо бо «Дастури методӣ доир ба таҷрибаомӯзии донишҷӯён» (барои ихтисоси 1-24010300 - Ҳуқуқи иқтисодӣ, 1-24010302 - Танзими ҳуқуқии молия ва қарз, 1–96010101 – Таъмини ҳуқуқии фаъолияти гумрукӣ) ба ҳисоб меравад. Бинобар ин устодони кафедраи Ҳуқуқи

иқтисодӣ, молиявӣ ва зиддикоррупсионӣ номзади илми ҳуқуқ, дотсент Бобоев Ҷ.Қ., н.и.ҳ.,дотсент Шарипов У.А., м.калон Оралбаев Х.Х. дастури мазкурро таҳия намуда, пешкаши донишҷӯён гардониданд.

Мутобиқи Низомномаи намунавӣ дар бораи таҷрибаомӯзии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори мушовараи Вазорати маориф ва илм аз 28.08.2014 таҳти №18/10 тасдиқ шудааст, дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ таҷрибаомӯзӣ дар шаклҳои асосии ба тариқи зайл муқарраркардашуда ташкил ва гузаронида мешаванд:

-таҷрибаомӯзии таълимӣ (шиносоӣ);

-таҷрибаомӯзии истеҳсолӣ;

-таҷрибаомӯзии пешаздипломӣ.

Дар дастури методии мазкур ба таври муфассал роҷеъ ба ташкил ва тартиби гузаронидани таҷрибаомӯзӣ, мақсад, вазифа ва мазмуни таҷбаомӯзии таълимӣ, истеҳсолӣ ва пешаздипломӣ инчунин барасмиятдарории маводҳои ҳисобот маълумот дода мешавад. Истифодаи дастури методӣ имконият медиҳад донишҷӯёни ихтисосҳои 1-24010300 - Ҳуқуқи иқтисодӣ, 1-24010302 - Танзими ҳуқуқии молия ва қарз, 1–96010101 – Таъмини ҳуқуқии фаъолияти гумрукӣ нақшаҳои фардиро мувофиқи барномаи таҷрибаомӯзӣ иҷро карда, ҳисоботро доир ба таҷрибаомӯзӣ дар мӯҳлати муқарраршуда омода намуда, ҳимоя намоянд.

## 1. Ташкил ва тартиби гузаронидани таҷрибаомӯзӣ

Дар асоси қарордоди тарафайни ДДМИТ бо мақомоти давлатӣ, бонкҳо, биржаҳо, ташкилотҳои молиявӣ ва суғуртавӣ, фондҳои сармоягузорӣ, вазоратҳо, хадамоти гумрук, танзими ҳуқуқии молияи давлатӣ ва маҳаллӣ, андоз ва андозбандӣ, муомилоти пулӣ (асъорӣ), муносибатҳои молиявӣ-қарзии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо шахсони ҳуқуқии ватаниву хориҷӣ ва ташкилотҳои молиявӣ–кредитии байналхалқи таҷрибаомӯзӣ ташкил карда мешавад. Донишҷӯи таҷрибаомӯз метавонад ҷои таҷрибаомӯзиро мустақилона интихоб намуда, дар ин хусус ба кафедра сари вақт хабар диҳад.

Гузаронидани таҷрибаомӯзӣ ба донишҷӯён имкон медиҳад бо самтҳои асосии фаъолияти худ, инчунин дастрас кардани маълумот барои таҳияи ҳисобот, кори курсӣ ва рисолаи хатмкунӣ шиносоӣ пайдо намуда малакаи амалӣ ҳосил намояд.

Кафедраи «Ҳуқуқи иқтисодӣ, молиявӣ ва зиддикоррупсионӣ» дар асоси ариза донишҷӯи таҷрибаомузро бо субъектҳои иқтисодиёт вобаста намуда, бо фармоиши ректори ДДМИТ ба он ҷойҳо равона карда мешаванд.

Пеш аз оғози таҷрибаомӯзӣ ба донишҷӯён доир ба гузаронидани таҷрибаомӯзӣ маслиҳатҳо ва супоришҳои фардӣ дода мешаванд. Супоришҳоро роҳбарони таҷрибаомӯзӣ пешниҳод менамоянд. Супориши фардӣ дар рӯзномаи таҷрибомӯзӣ қайд карда шуда, аз тарафи роҳбарони вобасташудаи таҷрибаомӯзӣ имзо гузошта мешавад.

Тартиби гузаронидани таҷрибаомӯзӣ аз рӯи нақша ки ба ҳар нафар донишҷӯ дар мувофиқа бо дастури методӣ оид ба таҷрибаомӯзии таълимӣ, истеҳсолӣ ва пешаздипломӣ объекти таҷрибаомӯзӣ, инчунин бо назардошти таҷрибаомӯзӣ дар корхона (ташкилот, муассиса) муайян карда мешавад. Бо мақсади беҳтар омода будан ба таҷрибаомӯзӣ донишҷӯ ӯҳдадор аст, бо барнома ва мазмуни корҳои минбаъда шинос шуда, адабиётҳои тавсияшударо ҷамъ оварад ва муфассал омӯзад. Тартиби ҷамъоварӣ ва коркарди маводҳо бо роҳбари таҷрибаомӯзӣ мувофиқа кунонида мешавад.

Пеш аз баохиррасии таҷрибаомӯзӣ донишҷӯ бояд натиҷаҳои корҳои худро доир ба таҳияи ҳисобот бо роҳбари таҷрибаомузӣ муҳокима намояд.

Роҳбарии методӣ ва илмии таҷрибаомӯзиро роҳбари таҷрибаомӯзӣ ки аз устодони соҳибтаҷрибаи кафедра таъин шудааст, ба ӯҳда дорад. Вай барои ҳалли масъалаҳои

ташкилӣ бо донишҷӯён маҷлис гузаронида, ӯҳдадор аст ки дар таҳияи нақшаи кории тақвимӣ кӯмак расонад, аз рафти иҷрои он назорат намуда, доир ба масъалаҳои таҷрибаомӯзӣ ва таҳияи ҳисобот маслиҳат диҳад, инчунин сифати корҳоро тафтиш намояд.

Роҳбари таҷрибаомӯзӣ аз кафедраи «Ҳуқуқи иқтисодӣ, молиявӣ ва зиддикоррупсионӣ» ӯҳдадор аст:

- бо роҳбар аз муассисаи таҷрибаомӯзӣ бо таври муштарак нақшаи тақвимии кории донишҷӯро таҳия намояд;

- ба донишҷӯён доир ба масъалаи гузаронидани таҷрибаомӯзӣ ва таҳияи ҳисобот маслиҳатҳо диҳад;

- сифати корҳои донишҷуро тафтиш намояд.

Роҳбари таҷрибаомӯзӣ аз муассиса аз тарафи роҳбарияти корхонаи базавӣ (муассиса) таъин карда мешавад ва ӯҳдадор аст:

- дар таҳияи нақшаи тақвимии таҷрибаомӯзии донишҷӯён иштирок намояд;

- донишҷӯро бо ҷои корӣ таъмин намуда, бо қоидаҳои тартиботи дохилии ташкилот, омода намудани ҳисобот ва дастурамалҳои зарурӣ шинос намуда, иҷрои онҳоро назорат кунад, то ин ки супоришҳои додашуда бамавқеъ ва хушсифат иҷро гарданд;

- доир ба ҷамъоварӣ ва коркарди маълумотҳо маслиҳатҳо дода, имконият фароҳам намояд;

- дар интихоби маводҳо ва санҷиши сифати корҳои иҷрошуда ва ҳисобот ёрӣ расонад;

- баъд аз баохиррасии мӯҳлати таҷрибаомӯзӣ додани тавсифнома (характеристика)-и хаттӣ ба фаъолияти кории таҷрибаомӯз, тафтиш ва тасдиқ кардани ҳисоботи таҳиякардаи донишҷӯ;

Назорати ҷориро аз рафти кории донишҷӯ роҳбари аз муассисаи таҷрибаомӯзӣ таъиншуда амалӣ менамояд. Мӯҳлати таҷрибаомӯзӣ ва реҷаи кории донишҷӯи таҷрибаомӯз дар муассисаи таҷрибаомӯзӣ бо роҳбари таҷрибаомӯзӣ аз ДДМИТ ва роҳбарияти ташкилоти қабулкунанда мувофиқа кунонида мешавад.

Донишҷӯи таҷрибаомӯз ӯҳдадор аст:

- мутобиқи нақшаи тақвимӣ, ки бо роҳбарони таҷрибаомӯзӣ мувофиқат карда шудааст ба муассисаи таҷрибаомӯзӣ ҳозир шавад;

- талаботи интизоми истеҳсолӣ-меҳнатиро, ки дар корхона (муассиса, ташкилот, фирма) муқаррар шудааст, иҷро намояд;

- дар фаъолияти ҷории истеҳсолии корхона (муассиса, ташкилот, фирма) бевосита иштирок намояд;

- ба нишондодҳои роҳбарони таҷрибаомӯзӣ пайравӣ намояд, маводҳоро барои таҳияи ҳисобот омода созад,

ҳисоботи таҳияшудаи таҷрибаомӯзиро ба расмият даровварда, дар мӯҳлати муқарраршуда ҳимоя намояд.

Таҷрибаомӯз бояд на танҳо услуби корҳоро аз бар намояд, инчунин алоқаи корҳои методиеро, ки дар шӯъба (қисм) гузаронидааст, дар алоқамандӣ бо дигар шӯъба (қисм)-ҳои корхона бо мақсади ҷамъбасти натиҷаҳои таҷрибаомӯзӣ иҷро намояд. Дар ҳолати пайдо шудани мушкилот доир ба иҷрои вазифаҳои таҷрибаомӯзӣ, ки бо хусусияти корҳо алоқамандӣ доранд, донишҷӯ ҳатман оид ба чунин ҳолатҳо ба роҳбари таъиншудаи таҷрибаомӯзӣ аз донишгогоҳ муроҷиат намояд.

## 2. Мақсад, вазифа ва мазмуни таҷрибаомӯзии таълимӣ, истеҳсолӣ ва пешаздипломӣ

Мақсади ташкил ва гузаронидани таҷрибаомӯзӣ аз ташаккул додани маҳорати касбии донишҷӯён дар асоси омӯзиши таҷрибаи фаъолияти муассиса, мустаҳкам намудани донишҳои назариявӣ ва амалии дар давоми таҳсил гирифтаи донишҷӯ, инчунин, ҷамъоварӣ ва коркарди мавод барои ҳисоботи таҷрибаомӯзӣ ва навиштани рисолаи хатм ба ҳисоб меравад.

Вазифаҳои муҳимтарини таҷрибаомӯзӣ ба даст овардани қобилияти касбии ихтисосҳои 1-240103 – ҳуқуқи иқтисодӣ, 1-24010302 – танзими ҳуқуқии молия ва қарз, 1-96010101 – таъмини ҳуқуқии фаъолияти гумрукӣ ва таҷрибаи амалии фаъолият ба ҳайси коромӯз дар воҳидҳои сохтории

мақомотҳои давлатӣ, вазоратҳо, корхонаҳо, бонкҳо (минбаъд – объекти таҷрибаомӯзӣ) мебошанд, ки бо роҳҳои зерин амалӣ мешавад:

- омӯзиши вазифаҳо ва сохтори объекти таҷрибаомӯзӣ;
- омӯзиши принсипи ташкили кор дар объекти таҷрибаомӯзӣ;
- дида баромадани вазифаҳои объекти таҷрибаомӯзӣ, аз ҷумла дар самтҳои илмию таҳқиқотӣ, банақшагирии стратегӣ;
- омӯзиши ҳуҷҷатгузорӣ;
- таҳлили муқоисавии сохторҳо ва зерсохторҳо аз нуктаи назари вазифа ва уҳдадориҳо;
- иштирок дар гузаронидани амалиётҳои соҳавӣ, чорабиниҳо, семинарҳо, ҳуҷҷатгузорӣ ва дигар фаъолиятҳое, ки ба объекти таҷрибаомӯзӣ дахл доранд;
- омӯзиши тарзи истифодаи малакаи назариявӣ дар таҷриба (алоқаи назария бо амалия).

Ҷамъоварӣ, коркард ва таҳлили маводи зарурӣ дар объекти таҷрибаомӯзӣ бо роҳҳои зерин ба даст оварда мешавад:

- омӯзиши ҳуҷҷатҳои асосии воҳидҳои сохтории дахлдор;
- дида баромадан ва шинос шудан бо асосҳои қонунгузорӣ, санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ, дастурамалҳо ва низомномаҳо, ки ба фаъолияти объекти таҷрибаомӯзӣ ва соҳа алоқаманданд ё асоси фаъолият мебошанд;
- дида баромадани ҳисоботи даврагӣ (семоҳа, нимсола, солона) оид ба фаъолияти объекти таҷрибаомӯзӣ;

- ҷамъоварӣ намудани маводи оморӣ оид ба фаъолияти объекти таҷрибаомӯзӣ ва соҳа;

- омӯзиш ва ҷамъоварии мавод барои навиштани рисолаи хатм (дар ҳолати ҷойи таҷрибаомӯзӣ ба мавзуъ мувофиқ омадан бо супориши роҳбари рисолаи хатм);

- гирифтани ҳуҷҷатҳои намунавӣ, нусхаи ҳуҷҷатҳо ва ё ҳисобот (дар ҳолати махфӣ набудан) барои таҳлил ва навиштани ҳисобот ё рисолаи хатм.

- ҷамъоварӣ, коркард ва таҳлили маълумотҳое, ки барои иҷрои супориши инфиродӣ заруранд;

- омодасозии мавод барои маърӯзаву иттилоъ дар конференсияҳои илмии донишҷӯён.

## 2.1. Таҷрибаомӯзии таълимӣ.

Мақсади таҷрибаомӯзии таълимӣ аз муфассалгардонӣ ва мустаҳкам кардани донишҳои назариявие, ки донишҷӯён дар давоми таҳсил азхуд намудаанд инчунин ҳосил кардани малакаи амалӣ доир ба ихтисоси худ иборат аст. Вазифаҳои асосии таҷрибаомӯзии таълимӣ инҳоянд:

- истифодаи донишҳои назариявӣ дар соҳаи амалии бонкҳо, биржаҳо, ташкилотҳои молиявӣ карзи ва суғуртавӣ, хадамоти гумрук ва дигар мақомотҳои давлатӣ.

- шиносоӣ бо ташкили сохтор ва мазмуни корҳо дар корхона (муассиса);

- шиносоӣ бо технологияи ҷамъоварӣ ва коркарди ҳисоботҳое, ки корхона (муассиса, ташкилот) ба мақомотҳо пешниҳод менамоянд;

- иштирок дар таҳияи ҳисоботҳои ҷамъбастии мақомотҳо, корхонаҳо аз рӯи сохтори тобеӣ;

- ҷамъоварӣ ва коркарди маводҳо барои навиштани қайдҳои таҳлилӣ ва кори курсӣ;

- ҳосил кардани таҷриба доир ба муҳити коллективи меҳнатӣ, барқарор кардани алоқа бо ҳамкорон доир ба корҳо;

Таҷрибаомӯзии таълимӣ аз ду давра иборат аст:

1. Шиносоӣ бо вазифа ва сохтори мақомоти давлатӣ, бонкҳо, биржаҳо, ташкилотҳои молиявӣ ва суғуртавӣ, фондҳои сармоягузорӣ, вазоратҳо, раёсатҳои мақомоти гумрук, андоз ва андозбандӣ, муомилоти пулӣ (асъорӣ), муносибатҳои молиявӣ-қарзии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо шахсони ҳуқуқии ватаниву хориҷӣ ва ташкилотҳои молиявӣ–кредитии байналхалқи;

2. Фаъолияти амалӣ дар яке аз шӯъбаҳои мақомоти давлатӣ, бонкҳо, биржаҳо, ташкилотҳои молиявӣ ва суғуртавӣ, фондҳои сармоягузорӣ, вазоратҳо, хадамоти гумрук, танзими ҳуқуқии молияи давлатӣ ва маҳаллӣ, андоз ва андозбандӣ, муомилоти пулӣ (асъорӣ), муносибатҳои

молиявӣ-қарзии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо шахсони ҳуқуқии ватаниву хориҷӣ ва ташкилотҳои молиявӣ–кредитии байналхалқи.

Дар давраи якум донишҷӯён бояд бо мақсад, вазифа, фаъолият, ҳуқуқ, ӯҳдадориҳо, ташкили сохтори корхона, муассиса, ташкилот шинос шаванд.

Дар давраи дуюм донишҷӯён бояд дар яке аз шӯъбаҳо ба сифати таҷрибаомӯз вақти асосии худро сарф намояд.

Таҷрибаи таълимӣ мумкин аст дар воҳидҳои сохтории Донишгоҳ, корхона, муассиса ва ташкилот гузаронида шавад.

Таҷрибаомӯзии таълимии донишҷӯён ба мӯҳлати ду ҳафта пешбинӣ шудааст. Таҷрибаомӯзии таълимии донишҷӯёни таҳсилоти рӯзонаи ихтисоси «Ҳуқуқи иқтисодӣ», «Танзими ҳуқуқии молия ва қарз» ва «Таъмини ҳуқуқии фаъолияти гумрукӣ» баъди супоридани сессияи имтиҳонотии тобистона семестри 4-ум  гузаронида мешавад.

### 2.2. Таҷрибаомӯзии истеҳсолӣ ва пешаздипломӣ

Мақсади таҷрибаомӯзӣ беҳтар намудани сифати тайёрии мутахасисони ҳуқуқшинос бо донистани иқтисодиёт бо роҳи мукаммалгардонӣ ва мустаҳкам кардани донишҳои назариявии азхудкардашуда, гирифтани малакаҳои зарурии амалии истеҳсолӣ дар корхона, ташкилот ва муассисаҳо мебошад.

Вазифаҳои асосии таҷрибаомӯзӣ аз инҳо иборат аст:

- шиносоӣ бо хусусиятҳои кори корхона (фирма), тавсифи иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҳуқуқии фаъолияти он;

- омӯзиши принсипҳои таҳия ва амалигардонии системаи иттилоотӣ-аналитикии корхона (фирма);

- шиносоӣ бо ташкили коркарди иттилоотҳои азим (бузург) ва ҷараёнҳо бо истифодаи технологиҳои муосири компютерӣ ва системаи телекоммунатсионӣ, омӯхтани корҳои дар ташкили воситаҳои таъмини барномавӣ истифодашаванда;

- ҷамъоварии маводҳои назариявӣ ва амалӣ барои маърӯзаҳои илмӣ ва иҷрои корҳои курсӣ доир ба ихтисоси интихобшуда.

Мақсад ва вазифаҳои таҷрибаомӯзӣ бо назардошти соҳаи фаъолияти корхона, шакли ташкилӣ-ҳуқуқии он ва тағйиротҳо дар таҷрибаи қонунгузорӣ ва хоҷагӣ амалӣ гардонида мешавад.

Давомнокии таҷрибаомӯзии истеҳсолӣ 2 ҳафта ва пешаздипломӣ 6 ҳафта мебошад.

### 2.2.1. Таҷрибаомӯзӣ дар мақомотҳои давлатӣ

Барои амиқ омӯхтани низоми корҳонаҳои давлатӣ донишҷӯ бояд доир ба фаъолияти яке аз мақомотҳои давлатӣ тасавурот пайдо намояд, бо таҳияҳои асосӣ муфассал шинос

шуда, дар корҳои илмӣ-методии шӯъба, ки дар он таҷриба меомӯзад, фаъолона иштирок кунад. Реҷаи гузаронидани таҷрибаомӯзии донишҷӯ ба таври фардӣ тартиб дода мешавад.

Дар рафти таҷрибаомӯзӣ ба донишҷӯ лозим аст, чунин хелҳои корҳои ҷории шӯъбаро, ки дар он ҷо таҷрибаомӯз аст, омӯзад:

а) корҳо бо ҳисоботҳои дохилшаванда, доираи воҳидҳои ҳисобдеҳ, тартиби ҷамъбасткунӣ ва мӯҳлати қабули ҳисоботҳо;

б) корҳои яквақта ки қисм (шӯъба) омода сохта онҳоро иҷро менамояд; доираи фарогирии ҳисоботҳои воҳиди сохторӣ; иҷрокунандагон;

в) таҳияи ҳисоботҳои ҷамъбастӣ, ки ба роҳбарияти болоии ташкилот пешниҳод мешаванд;

Донишҷӯ бояд малакаи иҷрои корҳои аналитикиро ҳосил намояд, ки инҳоянд:

а) таҳлили маълумотҳои ҷорӣ, баён кардани натиҷаҳои он дар эзоҳот ва мактубҳои ҳамроҳ фиристодашаванда ба ҷадвалҳо (бо назардошти тавсифи ин таҳлил, иҷрокунандагон ва дараҷаи коллективӣ);

б) таҳияи қоидаҳои аналитикӣ бо назардошти тартиби муайянкунии мавзӯҳои онҳо, алоқаи мавзӯҳо бо таҳлили маълумотҳои ҷорӣ, иҷрокунандагон, ҳамкории дохили шӯъба

ва бо дигар шӯъбаҳо, дарача ва тартиби истифода бурдани корҳои аналитикии шӯъбаҳои гуногуни корхона; омӯзиши қайдҳои аналитикӣ аз рӯи коркардҳои солона ва яквақтаи шӯъбаҳои корхона.

Донишҷӯ, дар баробари чунин корҳои аналитикӣ, инчунин бо ташкили кори шӯъба: сохтор, тақсимоти вазифаҳо дар байни ҳамкорон аз рӯи хели корҳои ҷорӣ (аз рӯи шаклҳои ҳисобот), оид ба доираи воҳидҳои ҳисобдеҳ, характери корҳо вобаста аз дараҷаи ихтисоси коркунон, ҳаҷм ва тақвими иҷрои корҳо; тақсимоти вазифаҳо ҳангоми иҷрои корҳои яквақта; тартиби ҷалбкунӣ ва омӯзонидани кормандони муваққатӣ, ҳайати онҳо; механизатсияи хурд дар шӯъба ва даровардани корҳо дар МЭҲ; нақшаи тақвимӣ ва назорат аз рафти иҷрои нақша.

Номгӯи корҳое, ки дар иҷрои онҳо донишҷӯ шахсан бояд иштирок намояд инҳоянд: такмилдиҳии методологияи корҳои иҷрошаванда дар қисми умумии нишондиҳандаҳои дастурии мақомотҳо ва идораҳо; ташкил ва банақшагирии корҳо; тартиби ҷамъоварӣ, тафтиш ва саҳеҳгардонии маводҳо барои ҳар як намуди корҳо, пайдарпаии коркарди онҳо; назорат дар рафти таҳиякунӣ; ҳосил кардани ҷамъбасти хотимавӣ ва таҳлили назоратии он; тақсимоти меҳнат дар байни иҷрокунандагон; механизатсияи хурд ва калони корҳо; қиёснамоӣ бо маводҳои дигар шӯъбаҳо, дараҷаи

эътиборнокии натиҷаи корҳо; истифодаи таъҷилии онҳо, аз ҷумла дар корҳои аналитикии шӯъба.

### 2.2.2. Таҷрибаомӯзӣ дар мақомоти гумрук

Омӯзиш ва таҳлил вобаста ба самти фаъолияти объекти таҷрибаомӯзӣ**:**

- хусусиятҳои ташкили кор дар шуъбаҳо ва раёсатҳои робитаҳои иқтисодии хориҷӣ;
- сиёсати объекти таҷрибаомӯзӣ дар самти робитаҳо бо бонкҳо ва мамолики хориҷӣ;
- таҳлили фаъолияти объекти таҷрибаомӯзӣ;
- таҳлили амалиётҳои асъории объекти таҷрибаомӯзӣ;
- иштирок дар низомҳои байналмилалии молиявӣ ва таҳлили он;
- тартиби ҳисоббаробаркунии объекти таҷрибаомӯзӣ бо ширкатҳо.

**Муассисаи истеҳсолӣ (раёсатҳои минтақавии гумрукӣ):**

- муносибатҳои иқтисоди хориҷии объекти таҷрибаомӯзӣ ва ташкили кор дар ин самт;
- таҳлили воридот ва содирот дар объекти таҷрибаомӯзӣ;
- ҳиссаи объекти таҷрибаомӯзӣ дар соҳа;
- роҳҳо ва усули фурӯши молҳои воридотӣ ва содиротӣ дар бозори миллӣ ва хориҷӣ;
- стратегияи нархгузорӣ ва сиёсати объекти таҷрибаомӯзӣ дар ин самт;
- истифодаи усулҳои таҳқиқотии вазъи (конъюнктураи) бозор ва чораҳои маркетингӣ;

- таҳлили дурнамои объекти таҷрибаомӯзӣ дар самти воридот ва содироти молу воситаҳои нақлиёт.

**Воҳидҳои сохтории Хадамоти гумрук ва дигар соҳаҳои хизматрасонӣ**

- фишангҳои асосии танзим ва назорати давлатӣ аз болои фаъолияти иқтисодии хориҷӣ;

- муваффақиятҳо дар самти пешбарии сиёсати давлатӣ ва иҷрои барномаҳо;

- таҳлили нишондиҳандаҳои асосии макроиқтисодӣ, ки дар он самт объекти таҷрибаомӯзӣ фаъолият дорад;

- ба консепсияҳо мувофиқат намудани усули танзими давлатӣ дар самти фаъолияти иқтисодии хориҷӣ ва робитаҳои илмӣ-таҳқиқотӣ;

- чораҳои дастгирӣ намудани соҳибкории щаклҳои гуногун ва таъмини амнияти иқтисодии мамлакат;

- тарзи таҳия ва қабули барномаҳои рушд аз тарафи воҳидҳои сохтории Хадамоти гумрук ва дигар соҳаҳои хизматрасонӣ (логистикӣ);

- амалигардонии барномаҳо, лоиҳаҳо ва стратегияҳо аз тарафи воҳидҳои сохтории Хадамоти гумрук ва дигар соҳаҳои хизматрасонӣ.

### 2.2.3. Таҷрибаомӯзӣ дар корхонаҳо

Амалигардонии барномаи мазкур иҷрои масъалаҳои зеринро талаб менамояд:

1. Тавсифи мухтасари фаъолияти ҳуқуқии корхона; ташкили идоракунии корхона ва ҳамоҳангсозии фаъолияти

шӯъбаҳо; Сохтор ва якҷоя амал кардани иттилоотии звеноҳои дастгоҳи идоракунӣ.

Муайян кардани мақсади корҳои идоракунӣ ва меъерҳои баҳодиҳӣ ба натиҷаи онҳо. Ташкили банақшагирии стратегӣ, тактикӣ ва таъҷилӣ дар корхона. Мазмун ва тартиби таҳияи нақша ва мониторинги иҷрои онҳо.

2. Системаи корҳои аналитикӣ ва ояндабинӣ дар корхонаҳо. Унсурҳои асосии он: системаи дохилии ҳисобот, системаҳои мониторинги муҳити беруна, тадқиқотҳои маркетингӣ, дастгирии қарорҳои идоракунӣ (таъмини барномавӣ барои моделсозӣ ва ояндабинии вазъи бозор).

Таъмини иттилоотии корҳои аналитикӣ. Омӯзиши маълумотҳо, ки корхонаҳо истифода менамоянд. Манбаҳои гирдоварии маълумотҳо ва тавсифи онҳо: аввалия ва дуюмин (мушоҳида, озмоиш, мусоҳиба (пурсиш)). Таъмини ташкилии корҳои аналитикӣ. Таъмини методии объетҳои гуногуни таҳлил. Роҳбарии корхона. Истифодабарандагони беруна. Норасоиҳои идоракунии корхона, ки аз танзими ҷараёнҳои иттилоотӣ ва ояндабинӣ вобастагӣ доранд.

Системаи ташкили корҳои аналитикӣ доир ба нақшагирӣ ва ояндабинӣ. Системаи ташаккул ва истифодаи иттилоотҳо дар вақти гузаронидани таҳлил (мазмуни иттилоот, иҷрокунандаи мушаххас, шуъбаи корхона, даврӣ

будан (такроршавандагӣ), муҳлат ва шакли пешниҳод; қабулкунанда).

Сохтори шӯъбае, ки бо ҷамъбаст кардани натиҷаи корҳо машғул аст. Тақсимоти вазифаҳо ва якҷояамалинамоии иттилоотии байни шӯъбаҳо.

Роҳбарӣ ва банақшагирии корҳои шӯъбаҳо. Мушаххасгардонии нақшаҳо, аз ҷумла корҳои дастурдиҳӣ-назоратӣ ва корҳои аналитикӣ.

**2.2.4. Таҷрибаомӯзӣ дар ташкилотҳои бонкӣ.**

Дар рафти таҷрибомӯзӣ дар низоми бонкӣ (бонкҳои тиҷоратӣ, давлатӣ ва ғайра) донишҷӯён бояд чунин корҳоро иҷро намоянд:

- омодасозии тавсифи самтҳои асосии фаъолияти бонкӣ (амалиёти бонкӣ, хизматрасонии бонкӣ ва аҳдномаҳои бонкӣ);

- шиносоӣ бо системаи ҳисобгирӣ ва таҳлил, таъмини иттилоотии фаъолият, ҳисоботҳои дохилӣ ва берунии бонкҳо;

- тасвири тарзҳои баҳои хатари бонкӣ;

- гузаронидани таҳлил доир ба нишондиҳандаҳои фаъолияти бонкӣ (даромаднокӣ, устувории молиявӣ ва бозоргирии бонк).

**2.2.5. Таҷрибаомӯзӣ дар мақомотҳои андоз**

Дар раванди таҷрибомӯзӣ донишҷӯён бояд чунин корҳоро иҷро намоянд:

- тасавурот доир ба сохтори ташкилии мақомот, шумораи коркунон дар шӯъбаҳо;

- тавсифдиҳии схемаи умумии даврзани (гардиш)-и иттилоотҳо дар мақомот ва таҷҳизонидани ҷойҳои кории мақомоти андоз;

- шиносоӣ бо хелҳои андоз, боҷ ва пардохтҳои ҷойдошта ва аз навҷоришуда, муайян кардани базаи андозбандии онҳо ва ставкаи андоз барои субъектҳои гуногуни андозбандӣ;

- омӯзиши шаклҳои ҳисобот доир ба андоз, боҷ ва пардохтҳо ва мӯҳлати пешниҳоди онҳо;

- шинос шудан бо системаи нишондиҳандаҳои фаъолияти андоз (ҳисоби миқдори тафтиши ҳуҷҷаттии гузаронидашудаи андозсупорандагон, маблағи андози ҳисобидашуда ва ҳақиқии воридшуда ба буҷет, бақияпулӣ, миқдори ҳодисаҳои бодошти амалиёт дар бонк, миқдори маводҳое, ки ба мақомотҳои ҳифзи ҳуқуқ равона шуданд, миқдори вайронкунандагони қонунҳои андоз ва ғайра);

- омӯзиши имконоти истифодаи маълумотҳои мақомоти андоз доир ба баҳои иқтисодиёти ниҳонӣ.

### 2.2.6. Таҷрибаомӯзӣ дар вазорату идораҳо

Донишҷӯён дар рафти таҷрибаомӯзӣ дар вазорату идораҳо бояд силсилаи чунин корҳоро иҷро намоянд:

- шинос шудан бо мақсад, вазифа ва самтҳои асосии фаъолияти вазорат (идора,) ҳайати воҳидҳои сохтории он, шумораи коркунон, тобеӣ ва якҷояамалкунии звеноҳои алоҳидаи идоракунӣ, характери баҳамалоқамандӣ бо дигар вазорату идораҳо, таҳияи тасавурот доир ба нақш ва мақоми вазорат (идора) дар системаи умумии мақомотҳои идоракунии ҷумҳурӣ;

- омӯзиши системаи иттилоотии вазорат: манбаҳои дохилӣ ва берунӣ, ҳисоботҳои воридшаванда, доираи шахсони ҳисобдеҳ, тартиби ҷамъбаст ва мӯҳлати дохилшавии ҳисобот, корҳои яквақта, ҳисоботҳои ҷамъбастӣ, ки ба роҳбарони болоӣ пешниҳод карда мешаванд, иттилоотҳо ки ба ташкилотҳои маъмурӣ ва дигар мақомотҳо пешниҳод мешаванд, инчунин инъикоси тавсифи умумии системаи ҳаркати иттилоотҳо дар вазорат (идора);

- коркарди методологияи иҷрои корҳо.

### 2.2.7. Таҷрибаомӯзӣ дар ташкилотҳои молиявӣ

Дар рафти таҷрибаомӯзӣ донишҷӯ бояд чунин малакаю маҳоратро соҳиб шавад:

- ояндабинӣ ва ҳисобкунии ҳамаи пардохтҳо ба буҷет (ноҳияҳо, шаҳрҳо ва ҷумҳурӣ); таҳлили иҷрои буҷет;

- таҳлили фаъолияти молиявӣ-хоҷагии фаъолияти корхона, вазорат, идора;

- таҳияи харҷнома (смета) доир ба маблағгузории хоҷагии халқ, тандурустӣ, варзиш, таъминоти иҷтимоӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ;

- назорат аз болои мақсаднок ва самаранок истифода бурдани қарзи бонкӣ, воситаҳои пулии бучетӣ ва фондҳои давлатии ғайри буҷетӣ;

### 2.2.8. Таҷрибаомӯзӣ дар ширкатҳои суғуртавӣ

Ҳангоми гузаштани таҷрибаомӯзии истеҳсолӣ донишҷӯ бояд чунин корҳоро иҷро намояд:

- шинос шудан бо мақсад ва вазифаҳои фаъолияти суғурта, сохтор ва функсияҳои қисмии ташкилот, хелҳои суғурта;

- омӯзиши банақшагирӣ ва дурнамоии фаъолияти суғурта, методикаи банақшагирии дохилшавии пардохтҳои суғуртавӣ, ставкаи пардохтҳои суғурта доир ба суғуртакунии шахсони ҳуқуқӣ, амвол, суғуртаи шахсӣ, методикаи ҳисобкунии онҳо.

- таҳлили ҳолати бозори хизматрасонии суғурта;

- дида баромадани масъалаҳои муҳим будани суғурта, шартномаи суғурта, қоидаи суғуртакунӣ ва пардохт;

- гузаронидани таҳлил доир ба дохилшавии пардохтҳои суғурта, пулдиҳӣ ва натиҷаҳои молиявии амалиёти суғуртавӣ, баҳои устувории молиявии ширкатҳои суғурта;

### 2.2.9. Таҷрибаомӯзӣ дар ширкатҳои реклама, васоити ахбори омма (ВАО)

Дар вақти гузатани таҷрибаомӯзӣ дар ширкатҳои реклама ва ВАО донишҷӯ бояд чунин корҳоро иҷро намояд:

- шиносоӣ бо мақсад ва вазифаҳои фаъолияти ширкатҳои реклама, ВАО, сохтор ва функсияҳои қисматҳои ташкилот;

- омӯзиши методикаи истифодашавандаи таҳлили фаъолияти ташкилот, ВАО-иқтисодӣ, молиявӣ, маркетингӣ ва рекламадиҳӣ;

- таҳлили ҳолати бозори хизматрасонии рекламавӣ дар ширкат ва ВАО;

- шиносоӣ бо шаклҳои ҳисоботҳои молиявӣ, ки таҳлили фаолияти рекламадиҳиро имконият медиҳанд.

## 3. Ташкил ва роҳбарии таҷрибаомӯзӣ

Ҷиҳати ташкил ва гузаронидани таҷрибаомӯзӣ банақшагирӣ ва амалӣ гардонидани чорабиниҳои зерин ҳатмӣ мебошад:

-муайян кардан ва интихоби макони гузаронидани таҷрибаомӯзӣ;

-бастани шартномаҳои тарафайн бо корхона, муассиса ё ташкилот;

-интихоби роҳбарон аз муассисаи таҳсилоти олии касбӣ ва корхона, муассиса ё ташкилот (дар асоси мувофиқаи қаблӣ бо онҳо) ва интишори фармоиши ректор;

-муайян намудани мавзӯъ, мақсад, вазифа ва супоришҳои инфиродӣ, таъмин намудани донишҷӯён бо барнома ва рӯзномаи таҷрибаомӯзӣ, дастурҳои таълимию методӣ);

-сафарбар кардани донишҷӯён ба макони таҷрибаомӯзӣ аз тарафи кафедра ва факултет.

Ҳуҷҷатҳои ташкилию методии асосӣ - ба тартиб даровардани фаъолияти донишҷӯён ва роҳбарони таҷрибаомӯзӣ аз муассисаи таҳсилоти олии касбӣ ва корхона, муассиса ё ташкилот, барнома ва рӯзномаи таҷрибаомӯзӣ, дастурҳои таълимию методӣ мебошад.

Барномаи таҷрибаомӯзӣ аз тарафи кафедраи тахассусӣ дар мувофиқа бо масъули корхона, муассиса ё ташкилот, мураттаб сохта мешавад. Саволҳои аз рӯи самт (ихтисос)-и амалкунандаи муассисаи таҳсилоти олии касбӣ тайёркардашуда ба барнома дар мувофиқа бо кафедра дохил карда мешаванд.

Барномаҳои таҷрибаомӯзиро роҳбари таҷрибаомӯзии истеҳсолӣ ва комиссияи махсуси методии муассисаи таълимӣ дида мебароянд ва онҳо аз тарафи муовини ректор оид ба таълим тасдиқ карда мешаванд.

Роҳбарии таҷрибаомӯзӣ аз тарафи кафедраи ҳуқуқи иқтисодӣ, молиявӣ ва зиддикоррупсионӣ амалӣ гардонида мешавад. Кафедра аз ҳайати омӯзгорони таҷрибанок роҳбарони таҷрибаомӯзиро бо фармоиши ректори донишгоҳ таъйин менамояд.

Масалан, Фармоиши ректори ДДМИТ «Оид ба таҷрибаомӯзии истеҳсолии донишҷӯён» чунин интишор мешавад.

Мутобиқи банди 63-юми «Низомномаи намунавӣ оид ба муассисаи таълимии таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон», бандҳои 106 ва 109-и «Низомномаи низоми кредитии таҳсилот дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва банди 2.3.-и «Низомнома доир ба таҷрибаомӯзии таълимӣ, истеҳсолӣ ва пешаздипломии донишҷӯёни ДДМИТ»,

**фармоиш медиҳам:**

**1.** Донишҷӯёни курси 4-уми шуъбаи рузонаи факултети менеҷмент ва ҳуқуқи иқтисодӣ, ихтисоси 1-24010300– ҳуқуқи иқтисодӣ, барои гузаштани таҷрибаомӯзии истеҳсолӣ аз 29.06.2022 то 12.07.2022 ба муассисаҳои зерин фиристода шаванд:

| № | Ному насаби донишҷӯ | Ҷои гузаштани таҷрибаомӯзӣ | Роҳбари таҷрибаомӯзӣ |
|---|---|---|---|
| 1. | Парвизи Абдураҳмонзода | Мақомоти маҳалии ҳокимияти давлатии ноҳияи Синои ш.Душанбе | Дотсент Бобоев Ҷ.Қ. |
| 2. | Раҷабзода Хусрав Гулмаҳмад | БДА «Амонатбонк” дар ноҳияи Фирдавсии ш. Душанбе | Дотсент Бобоев Ҷ.Қ. |
| 3. | Сайдализода Эмомали Мадали | Нозироти андоз дар ноҳияи Фархори вилояти Хатлон | Дотсент Бобоев Ҷ.Қ. |

**2.** Роҳбари умумии таҷрибаомӯзии истеҳсолӣ мудири кафедра Бобоев Ҷ.Қ. таъйин карда шавад.

**3.** Дар муддати 10 рӯз пас аз анҷоми таҷрибаомӯзии истеҳсолӣ ба садорати факултет ва шуъбаи таҷрибаомӯзӣ ва рушди касбият оид ба натиҷаи таҷрибаомӯзӣ ҳисобот пешниҳод карда шавад.

4. Назорати иҷроиши фармоиши мазкур ба зиммаи муовини якум, муовини ректор оид ба таълим вогузор карда шавад.

Асос: шартномаи ҳамкорӣ ва роҳхат.

Баъди ба имзо расидани фармоиши ректори донишгоҳ оид ба таҷрибаомӯзӣ ба донишҷӯ рӯзнома ва роҳхат дода мешавад, ки одатан аз тарафи мутасаддии кафедра пур карда шуда, тақсим мегардад. Ҳар як роҳбари таҷрибаомӯзӣ аз кафедра ба донишҷӯ - таҷрибаомӯз супориши мушаххаси инфиродӣ, вобаста ба иҷрои кори илмӣ-таҳқиқотӣ, рисолаи хатм медиҳад, ки дар рӯзнома дарҷ карда мешавад (Замимаи 1

Вобаста ба объекти таҷрибаомӯзӣ дар рӯзнома нақшаи тақвимии таҷрибаомӯзӣ пур карда мешавад, ки аз тарафи роҳбарони таҷрибаомӯзӣ аз донишгоҳ ва аз объекти таҷрибаомӯзӣ имзо карда мешавад.

Дар давоми таҷрибаомӯзӣ донишҷӯ супоришҳои мушаххасро мувофиқи барнома иҷро намуда, дар Мақомоти давлатӣ, вазоратҳо, корхонаҳо ҳамчун таҷрибаомӯз, кормӯз ва ёрдамчӣ ҳисобида шуда метавонад. Дар ҳолатҳои зарурӣ таҷрибаомӯзро ин муассиса метавонад ба яке аз штатҳои холӣ муваққатан (дар муддати таҷрибаомӯзӣ) ба кор қабул намоянд.

Вақти кории донишҷӯ-таҷрибаомӯз ҳангоми гузаштан аз таҷрибаомӯзӣ бо Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба тартиб дароварда мешавад ва барои донишҷӯёни аз сини 18-сола боло ҳафтае на зиёдтар аз 40 соат, барои донишҷӯёни

сини 16-18-сола ҳафтае на зиёдтар аз 35 соатро дар бар мегирад. Вақти кории таҷрибаомӯз вобаста ба реҷа ва тартиби дохилии кории  мақомоти давлатӣ ва ё корхонаҳо) муайян карда мешавад.

Тағйир додани муҳлати гузаронидани таҷрибаомӯзии донишҷӯёни курсҳои алоҳида аз рӯи самт (ихтисос)-ҳо танҳо бо қарори Шӯрои олимони муассисаи таҳсилоти олии касбӣ ба амал оварда мешавад. Бо сабабҳои узрнок ба дигар вақт гузаронидани муҳлати тачрибаомӯзӣ (ба таври инфиродӣ) мувофиқи фармоиши ректори муассисаи таҳсилоти олии касбӣ ба роҳ монда мешавад. Барои дар чунин ҳолат ба имзо расонидани фармоиши ректор ҳамчун асос аризаи донишҷӯ, розигии кафедра, пешниҳоди садорати факултет, муовини якум, муовини ректор оид ба таълим ва ҳуҷҷатҳои муҳлати гузаронидани тачрибаомӯзиро тасдиққунанда баромад мекунанд.

Мутасаддии асосии тачрибаомӯзӣ роҳбари объекти тачрибаомӯзӣ ҳисоб меёбад. Роҳбари тачрибаомӯзиро сардорони воҳидҳои сохтории мақомоти давлатӣ ва ё корхонаҳо, ки донишҷӯ дар он ҷо тачрибаомӯзӣ мекунад, таъйин менамояд.

Роҳбари умумии тачрибаомӯзӣ аз кафедра мудири кафедра буда, раванди тачрибаомӯзиро назорат мекунад ва корҳои зеринро ба иҷро мерасонад:

- бо объектҳои тачрибаомӯзӣ пеш аз оғози тачрибаомӯзӣ робита пайдо менамояд;

- лоиҳаи фармоиши ректори донишгоҳро оид ба тачрибаомӯзӣ вобаста ба нақшаи таълим таҳия менамояд, ки

дар он ба ҳар як донишҷӯ объект ва роҳбари таҷрибаомӯзӣ вобаста карда мешавад;

- баъди анҷоми сессияи санҷишию имтиҳонӣ бо гурӯҳҳои академӣ оид ба тарзи гузаштани таҷрибаомӯзӣ маҷлис мегузаронад ва роҳбарони таҷрибаомӯзиро муаррифӣ менамояд;

- дар якҷоягӣ бо роҳбарони таҷрибаомӯзӣ раванди таҷрибаомӯзиро таҳти назорати қатъӣ мегирад;

- пас аз анҷоми таҷрибаомӯзӣ қабул ва ҳимояи ҳисоботи таҷрибаомӯзиро ташкил мекунад.

Роҳбари таҷрибаомӯзӣ аз донишгоҳ ба донишҷӯ - таҷрибаомӯз дар ҳалли масъалаҳои амалӣ ва илмӣ, таҳлили маълумотҳои оморӣ ва ҳалли дигар масъалаҳо кумаки илмӣ-методӣ мерасонад.

Гузаронидани чорабиниҳоро дар самтҳои зерин таъмин менамояд:

- ба донишҷӯ - таҷрибаомӯз дар давоми таҷрибаомӯзӣ, вобаста ба нақшаи таълимӣ ва самти таҳқиқотии кафедра, супориши мушаххас медиҳад;

- сифати гузаронидани таҷрибаомӯзиро назорат мебарад ва мувофиқ будани онро ба барномаи мазкур ва барномаҳои таълимии фанҳои тадрисшавандаи кафедра таъмин менамояд;

- оид ба таъмини шароитҳои мусоиди корӣ дар воҳидҳои сохтории мақомотҳо, вазоратҳо, бонкҳо ва шинос шудани донишҷӯ - таҷрибаомӯз ба шартҳои бехатарии меҳнат ва реҷаи корӣ назорат мебарад;

- ҳисоботи таҷрибаомӯзиро аз назар гузаронида, хулосаи мусбӣ ё манфии худро медиҳад ва дар ҳолати ба талабот

ҷавобгӯ будани ҳисобот ва рӯзномаи таҷрибаомӯзӣ барои дифоъ намудан дар назди комиссия иҷозат медиҳад;

- дар кори комиссияи қабули ҳисобот иштирок менамояд;

- ба мудири кафедра оид ба беҳтар намудани таҷрибаомӯзии донишҷӯён хулосаву пешниҳодоти худро дар шакли ҳисобот пешниҳод мекунад.

Роҳбари таҷрибаомӯзӣ аз объектҳои таҷрибаомӯзӣ:

- раванди таҷрибаомӯзиро мувофиқи барномаи мазкур, супориши мушаххас ва нақшаи тақвимӣ таъмин менамояд;

- оид ба қоидаҳои бехатарии меҳнат, реҷаи корӣ, хусусиятҳои махфияти иттилоот, сирри корхона ва дигар паҳлуҳои фаъолияти объекти таҷрибаомӯзӣ машварат медиҳад;

- донишҷӯ(ён) - таҷрибаомӯз(он) - ро бо таърихи объекти таҷрибаомӯзӣ, оиннома, низомнома, самти асосии фаъолият, сохтор, шуъбаҳо, вазифаҳо, раванди технологӣ, илмию тадқиқотӣ, робитаҳои иқтисодӣ ва дигар самтҳо шинос менамояд ё барои омӯхтани онҳо мусоидат мекунад;

- донишҷӯ-таҷрибаомӯзро бо фаъолияти амалии объекти таҷрибаомӯзӣ шинос намуда, бо маводи зарурӣ онҳоро таъмин менамояд;

- интизоми донишҷӯ-таҷрибаомӯзро назорат менамояд ва дар ҳолатҳои аз тарафи таҷрибаомӯз вайрон кардани интизом ба донишгоҳ сари вақт хабар медиҳад;

- сари вақт пур кардани рӯзномаи таҷрибаомӯзӣ ва навиштани ҳисоботро назорат мебарад ва ба таҷрибаомӯз тавсифнома медиҳад.

Донишҷӯ - таҷрибаомӯз уҳдадор аст:

- дар ҳолатҳои дар гуруҳи шарномавӣ таҳсил намудан ва объекти таҷрибаомӯзиаш муайян будан ба мудири кафедра то таҳияи лоиҳаи фармоиши таҷрибаомӯзӣ хабар диҳад;

- роҳхат, рӯзнома ва барномаи таҷрибаомӯзиро бо супориши мушаххас сари вақт аз кафедра гирад;

- сари вақт, мувофиқи муҳлати дар рӯзнома дарҷёфта, ба воҳидҳои сохтории Мақомоти давлатӣ ва дигар соҳаҳои хизматрасонӣ равад ва худро ба қайд гирад;

- бо реҷаи корӣ, интизоми меҳнат, қоидаҳои бехатарӣ ва тартиботи дохилии объекти тачрибаомӯзӣ шинос шуда, онҳоро пурра риоя намояд;

- супоришҳои алоҳидаи роҳбари тачрибаомӯзиро дар объекти тачрибаомӯзӣ иҷро намояд, ки бо супоришҳои мушаххаси роҳбари таҷрибаомӯзӣ аз донишгоҳ ва барнома мувофиқ ҳастанд;

- дар ҳолати гузаштани тачрибаомӯзӣ агар ягон монеа ба вуҷуд ояд, ҳатман ба роҳбари таҷрибаомӯзӣ аз донишгоҳ ё мудири кафедра хабар диҳад;

- ҳар рӯз мазмуни мухтасари кори иҷрошударо дар рӯзнома қайд намуда, на камтар аз як маротиба дар як ҳафта ба роҳбари тачрибаомӯзӣ аз объекти тачрибаомӯзӣ барои баррасӣ, тағйирот даровардан, имзо ва қайди иҷрои супориш рӯзномаашро пешниҳод намояд;

- дар асоси қайдҳои кардашуда, маводи ҷамъкардашуда, таҳлил ва шиносоӣ бо вазифаҳо ва тарзи ташкили кор дар объекти тачрибаомӯзӣ ва иҷрои супоришҳои мушаххас ҳисоботи тачрибаомӯзиро навишта, муқовабандӣ намояд;

- баъди анҷоми таҷрибаомӯзӣ рӯзнома ва тавсифномаро бо муҳр ва имзои роҳбари таҷрибаомӯзиро аз объекти

тачрибаомӯзӣ гирифта, ба кафедра дар муҳлатҳои муайяншуда супорад;

- дар ҳолати якчанд нафар сафарбар шудан ба як объекти таҷрибаомӯзӣ ҳисобот бояд бо ҳисоботи дигар якхела набошад;

- дар ҳолати тақризи манфӣ гирифтан аз роҳбар ё камбудӣ доштани ҳисоботи таҷрибаомӯзӣ, хатоҳоро бояд сари вақт ислоҳ намояд;

- ҳисоботи таҷрибаомӯзиро бо тартиб ва ҷадвали аз тарафи кафедра муайяншуда, дар назди комиссияи қабули ҳисобот дифоъ намояд;

- дар ҳолати насупоридани ҳисоботи таҷрибаомӯзӣ дар муддати муайяншуда ва ё дифоъ накардани он донишҷӯ аз донишгоҳ хориҷ карда мешавад.

## 4. Барасмиятдарории маводҳои ҳисобот ва аттестатсия доир ба ҷамъбасти тачрибаомӯзӣ

Давраи хотимавии таҷрибаомӯзӣ омода сохтани ҳисобот ва ҳимояи он мебошад, ки мувофиқи дастури тачрибаомӯзӣ барасмият дароварда мешавад. Баъди баохиррасии таҷрибаомӯзӣ донишҷӯ ӯҳдадор аст ба роҳбари тачрибаомӯзӣ аз кафедра ҳуҷҷатҳои зеринро пешниҳод намояд:

- ҳисобот доир ба тачрибаомӯзӣ бо имзоҳои донишҷӯ ва роҳбари таҷрибаомӯзӣ аз ташкилот (корхона, муассиса);

- рӯзнома бо имзои роҳбари таҷрибаомӯзи аз корхона (ташкилот, муассиса) ва тасдиқи он бо мӯҳр;

- тавсифнома (характеристика)-и истеҳсолӣ бо нишондоди баҳои кори донишҷӯ бо имзои роҳбари таҷрибаомӯзӣ аз корхона (ташкилот, муассиса) ва тасдиқи он бо мӯҳр:

Ҳисоботро бо нишондоди санаи рӯз таҷрибаомӯз имзо менамояд ва дар сарвараќи он аз тарафи роҳбари корхона (ташкилот, муассиса) мӯҳр гузошта мешавад.

Сохтори ҳисобот бояд чунин бошад: варақаи титулӣ (сарварақ), мундариҷа, қисми асосии ҳисобот мувофиқи талабҳои барнома бо назардошти вазифаҳои фардӣ, хулоса, рӯйхати истифодаи сарчашмаҳо ва замимаҳо.

Дар ҳисобот бояд нишон дода шавад:

- тавсифи фаъолияти корхона (ташкилот, муассиса), ки базаи таҷрибаомӯзӣ мебошад;

- тавсифи умумии вазифаҳо ки дар ҷои гузаронидани таҷрибаомӯзӣ ҳал карда мешаванд;

- номгӯи маводҳои методии омӯхташуда;

- хулоса ва тавсияҳо доир ба истифодаи маводҳои дастрасшуда дар кори курсӣ ва рисолаи хатмкунӣ.

Қисми асосии ҳисобот аз муқаддима, хулоса ва якчанд қисм иборат аст ки ҳар яке аз ин қисмҳо аз саҳифаи нав шурӯъ карда мешаванд.

Дар муқаддима бояд оид ба зарурияти таҷрибаомӯзӣ барои мустаҳкам кардани донишҳои назариявӣ, баён кардани мақсад ва вазифаҳои он нишон дода шавад.

Дар қисми асосӣ тавсифи мухтасари ташкилӣ-иқтисодии муассисаи таҷрибаомӯзӣ, тасвири сохтори истеҳсолӣ ва ташкилӣ, нишондиҳандаҳои асосии фаъолият, тавсифи корҳои аналитикию ҷории шӯъбаҳо (қисмҳо), маводҳои омӯхташуда, ҳисобкуниҳо, хулоса ва пешниҳодҳо доир ба такмил додани корҳо нишон дода мешаванд.

Дар охир хулосаҳои баровардашуда мувофиқи мақсад ва вазифаҳои таҷрибаомӯзӣ пешниҳод мешаванд.

Ҳисобот доир ба вазифаҳои фардӣ бояд маводҳоро барои навиштани кори курсӣ ва рисолаи хатмкунӣ дар бар гирад. Қисми мазкур иборат аст.

- тасвири умумии объекти тадқиқот (моҳияти иқтисодӣ, нишондиҳандаҳои асосии фаъолият, тамоюл дар инкишоф ва ба ҳамалоқамандӣ ва ғайра);

- гузаронидани таҳлили комплексии фаъолияти объект;

-интихоби бузургиҳои асосӣ, ки имкон медиҳанд ҳолати кунунӣ ва оияндаи тарққиёт баҳо дода шавад.

Ҳисобот бояд ба таври аниқ, эътимоднок, мухтасар ва пайдарпаии мантиқӣ иҷро карда шавад. Дар рафти баён кардани маводҳо бояд схема, формула, график, ҷадвал ва ҳисобкуниҳо нишон дода шаванд. Ҳамаи маводҳои графикӣ

ва дигар маводҳои ҳаҷман калон (мисол, дастурамал, ҳуҷҷатҳо ва ғайра) дар охири ҳисобот бо намуди замима ҷойгиронида мешавад.

Баъд аз дида баромадани маводҳои пешниҳодшуда роҳбари таҷрибаомӯзӣ аз корхона (ташкилот, муассиса) ба донишҷӯ тақризи мухтасар навишта, ҳисоботро имзо менамояд.

Баъди хотимаи таҷрибаомӯзӣ ҳисобот ба кафедра пешниҳод карда мешавад. Ҳангоми ҷой доштани якчанд нафар таҷрибаомӯз дар як объект такроршавии қайдҳо дар ҳисобот, инчунин таҳияи ҳисоботи комплексӣ иҷозат дода намешавад.

Ҳимояи ҳисобот дар кафедра дар ҳайати комиссияи ташкил шуда гузаронида мешавад.

## 5. Барномаи таҷрибаомӯзӣ

Барномаи таҷрибаомӯзӣ аз қисматҳои зерин иборат аст:

1. Нақшаи тақвимии мавзуъҳо барои таҳлил ва омӯзиш;
2. Мундариҷаи таҷрибаомӯзӣ.

### 5.1. Нақшаи тақвимии мавзуъҳо барои таҳлил ва омӯзиш

Нақшаи тақвимии мавзуъҳо барои таҳлил ва омӯзиш дар ҷадвали 1 нишон дода шудааст.

Ҷадвали 1.

Нақшаи тақвимии мавзуъҳо барои таҳлил ва омӯзиш

| р/т | Номгӯи мавзуъҳо | Мӯҳлати иҷрои |
|---|---|---|

| | | ш |
|---|---|---|
| 1. | Шиносоӣ бо объекти таҷрибаомӯзӣ, ки донишҷӯ ба он ҷо равона карда шудааст | 2 |
| 2. | Омӯзиши вазифаҳои асосии оинномавии объекти таҷрибаомӯзӣ ва муайян кардани мавқеи он дар соҳа | 4 рӯз |
| 3. | Дида баромадани дигар ҳуҷҷатҳои меъёрие, ки фаъолияти объекти таҷрибаомӯзиро ба танзим медароранд | 2 рӯз |
| 4. | Омӯзиши самти фаъолият ва вазифаҳои асосии сохторҳои алоҳидаи объекти таҷрибаомӯзӣ вобаста ба самти ихтисос | 5 рӯз |
| 5. | Омӯзиш ва таҳлили тартиби ташкили раванди кор дар шуъба(ҳо) ва ё сохторҳои объекти таҷрибаомӯзӣ, хусусиятҳои воридот ва содироти молу воситаҳои нақлиёт ва усулҳои хизматрасонӣ | 8 рӯз* |
| 6. | Таҳлили алоқамандии муассиса (шуъба) бо шаклҳои муносибатҳои иқтисодии байналмиллалӣ ва хусусиятҳои фаъолияти он дар ин самт | 15 рӯз* |
| 7. | Омӯзиши сиёсат, самаранокии фаъолияти идоракунӣ, стратегия, хусусиятҳои таҳқиқот, барномасозӣ ва дигар чорабиниҳо дар самти робитаҳои иқтисодии хориҷии объекти таҷрибаомӯзӣ ва ё саҳми он дар мамлакат | 15 рӯз* |
| 8. | Таҳлили ҷараёни иттилоотӣ, ҳуҷҷатгузорӣ, технологияи коркарди иттилоот оид ба самти фаъолияти объекти таҷрибаомӯзӣ | 3 рӯз |
| 9. | Таҳлили иттилоот оид ба самти таҳқиқот дар доираи кори хатмкунӣ ва иҷроиши супориши мушаххас | Дар давом и таҷриб аомӯзӣ |
| 10. | Иштироки фаъолона дар чорабиниҳое, ки дар объекти таҷрибаомӯзӣ гузаронида мешавад | Дар давом и таҷриб |

| | | |
|---|---|---|
| | | аомӯзӣ |

***бо дарназардошти рӯзҳои шанбе**

## 6. Барасмиятдарорӣ ва ҳимояи ҳисоботи таҷрибаомӯзӣ

6.1. Баъди анҷоми таҷрибаомӯзӣ донишҷӯ-таҷрибаомӯз бояд дар муддати 10 рӯз ҳуҷҷатҳои ҳисоботӣ оид ба таҷрибаомӯзиро ба кафедра супорад. Номгӯи ин ҳуҷҷатҳо дар банди 4-и дастури мазкур оварда шудааст.

6.2. Рӯзномаи таҷрибаомӯзӣ ҳуҷҷати асосии ҳисоботӣ ба ҳисоб меравад. Дар асоси он гузаштани таҷрибаомӯзӣ аз тарафи донишҷӯ тасдиқ меёбад.

Дар рӯзнома маълумоти зерин дарҷ карда мешавад:

- нақшаи тақвимии таҷрибаомӯзӣ вобаста ба барномаи таҷрибаомӯзӣ (аз тарафи роҳбарони таҷрибаомӯзӣ аз донишгоҳ ва Мақомоти давлатӣ бо имзо тасдиқ карда ва назорат бурда мешавад);
- супориши мушаххаси таҷрибаомӯзӣ;
- мундариҷаи корҳои иҷрошудаи ҳаррӯза ва раванди гузаштани таҷрибаомӯзӣ (бо имзои роҳбари таҷрибаомӯзӣ аз истеҳсолот дар ҳар як саҳифа);
- тавсифномаи роҳбари таҷрибаомӯзӣ аз воҳидҳои сохтории Мақомоти давлатӣ ва дигар соҳаҳо оид ба корҳои бaанҷомрасонидаи таҷрибаомӯз ва иҷрои супоришҳои мушахас, интизому муносибат ба кор ва ҷидду ҷаҳди ӯ, инчунин баҳои тавсиявӣ нисбати таҷрибаомӯзӣ;
- хулосаи роҳбари таҷрибаомӯзӣ аз кафедра доир ба таҷрибаомӯзии донишҷӯ (мувофиқат ба барномаи мазкур, иҷрои супоришҳои мушаххас, мувофиқати мазмуни ҳисобот

ба мундариҷа ва талаботи мавҷуда, баҳои тавсиявии роҳбар ба донишҷӯ-таҷрибаомӯз);

- баҳои санҷишӣ оид ба таҷрибаомӯзӣ (баъди ҳимояи ҳисоботи таҷрибаомӯзӣ).

6.3. Таҳия ва барасмиятдарории ҳисобот оид ба таҷрибаомӯзӣ аз тарафи донишҷӯ-таҷрибаомӯз марҳалаи интиҳоии он ба ҳисоб меравад.

Дар ҳисоботи таҷрибаомӯзӣ маълумот оид ба муассиса ва сохтори он, дигар маълумотҳои зарурӣ вобаста ба барномаи мазкур, таҳлили маводи ҷамъшуда, факту рақамҳо ва нусхаи ҳуҷҷатҳои зарурӣ оварда мешавад.

Ҳисобот дар ҳаҷми на кам аз 25 саҳифаи дастнавис (дар ҳолати чопӣ бо фосилаи 2) пешниҳод карда мешавад. Шакли беҳтари мақбул чопӣ мебошад.

Ҳангоми ба тариқи чопӣ пешниҳод намудани ҳисобот талаботи зерин бояд риоя карда шаванд:

- маводи ҳисобот бо истифода аз таҳриргари Word бо шрифти Times New Roman Tj бо андозаи 14;

- андозаҳо А4 (210 х 297) аз чап – 2,5 см, аз рост – 1,0 см, аз боло ва поён – 2,0 см;

- фосилаи байни сатрҳо (интервал) – 1,5 см;

- иқтибосҳо дар дохили [5];

- саҳифагузорӣ  - дар мобайни саҳифа;

- расмҳо, тасвирҳо, диаграмма ва ҷадвалҳо стандартҳои байналмилалӣ ҷавобгӯй бошанд.

Варақаи аввали он дар замимаи 3 оварда мешавад.

Сохтор аз сарсухан, қисмҳои мухталифи он, хулосаву пешниҳодот ва замимаҳо ҳисобот иборат аст.

Дар сарсухан маълумоти мухтасар оид ба объекти таҷрибаомӯзӣ, сохтори ташкилӣ ва идоракунии он, таърихи пайдоиш оварда мешавад, ки дар барномаи мазкур қайд карда шудааст. Инчунин, вазифаҳои таҷрибаомӯзӣ қайд карда мешаванд.

Қисмҳои алоҳидаи ҳисобот ба ҳалли масъалаҳо, супоришҳои мушаххас ва вазифаҳои гузошташуда вобаста мебошад.

Қисматҳои тавсиявии ҳисобот:

а) вазифаҳои объекти таҷрибаомӯзӣ ва шуъбаҳои он, ки донишҷӯ дар онҳо таҷрибаомӯзӣ гузаштааст. Тартиби ташкили раванди кор дар объекти таҷрибаомӯзӣ. Агар донишҷӯ дар якчанд шуъбаҳо таҷрибаомӯзӣ гузашта бошад, ин масоил дар зерқисматҳо дарҷ карда мешавад.

б) амалиёти асосӣ, дастурҳо ва меъёрҳо оид ба ташкили раванди кор, тарзу усули иҷрои вазифаҳо ва амалиёт. Таҳлили ҳисоботи объекти таҷрибаомӯзӣ.

в) таҳлили вазъи умумии объекти таҷрибаомӯзӣ ё самти фаъолияти он аз рӯи супоришҳои мушаххас ва масъалаҳои дар барномаи мазкур дарҷгардида. Таҳлили факту рақамҳо оид ба вазъи умумии соҳаи фаъолияти объекти таҷрибаомӯзӣ. Ҳисобот оид ба ҷамъи мавод аз объекти таҷрибаомӯзӣ ва иҷроиши супориши мушаххас.

Дар қисми хотимавии ҳисобот донишҷӯ-таҷрибаомӯз дар асоси таҳлилоти гузаронидааш оид ба самти фаъолияти объекти таҷрибаомӯзӣ хулосаҳои заруриро оид ба беҳбудии коргузорӣ ва фаъолияти хоҷагидорӣ дар объекти таҷрибаомӯзӣ ва ё инкишофи соҳа пешниҳод менамояд.

Дар замима нақшаҳо, нусхаи ҳуҷҷатҳо, намунаҳои ҳуҷҷатҳои дар объекти таҷрибаомӯзӣ истифодашаванда, санадҳои меъёрӣ ва ғайра оварда мешаванд.

Ҳангоми дар қисмҳои кор дарҷ гардидани ҷадвалҳои оморӣ онҳо пайиҳам бояд рақамгузорӣ карда шаванд. Замимаҳо аз давоми хулосаву пешниҳодот оварда шуда, саҳифаҳояш рақамгузорӣ карда намешаванд. Дар кунҷи рости болоии ҳуҷҷатҳои замимавӣ «Замима» навишта шуда, бо рақами арабӣ ишора карда мешавад (масалан: Замимаи 4).

4.4. Роҳбари таҷрибаомӯзӣ аз кафедра баъди ба қайд гирифтан ҳисоботро аз нуқтаи назари мувофиқат намудан ба талаботи мавҷуда ва дурустии пур кардани рӯзномаи таҷрибаомӯзӣ санҷида дар рӯзнома хулосаи худро менависад ва баҳои тавсиявии донишҷӯро пешниҳод менамояд. Сипас дар варақаи аввали ҳисобот ба ҳимоя иҷозат дода шудани ҳисоботро дарҷ намуда, имзо ва санаро мегузорад. Дар ҳолати дорои камбудӣ будани ҳисобот ё рӯзнома онро барои ислоҳ_ба донишҷӯ бармегардонад.

Мудири кафедра бо тасдиқи садорати факултет ҷадвали ҳимояи ҳисоботро тартиб дода (дар се давр), ҳайати комиссияи қабули ҳимояи ҳисоботро таъйин менамояд. Роҳбари таҷрибаомӯзӣ аз кафедра дар ин ҳайат буда метавонад. Роҳбари таҷрибаомӯзӣ аз объекти таҷрибаомӯзӣ рӯзи ҳимояи донишҷӯ-таҷрибаомӯз иштирок карда метавонад.

Донишҷӯ дар муддати 10-12 дақиқа оид ба иҷрои барномаи таҷрибаомӯзӣ ва хусусияти фаъолияти объекти таҷрибаомӯзӣ баромад намуда, аз нуқтаи назари алоқамандии назария бо амалия фаъолияти объекти

таҷрибаомӯзиро шарҳ медиҳад. Ӯ метавонад натиҷаҳои ҳангоми таҷрибаомӯзӣ бадастовардаро дар слайдҳо дарҷ намуда, ба комиссия пешкаш намояд. Инчунин, корҳои дар вақти таҷрибаомӯзӣ ба иҷро расонидаашро шарҳ дода, хулосаву пешниҳодоти худро ирсол менамояд.

Ҳайати комиссия дар асоси Низомномаи низоми таҳсилоти кредитӣ фаъолият намуда, аз рӯи натиҷаи ҳимоя ба донишҷӯ баҳогузорӣ менамояд. Баҳо дар суратҷаласаи ҳимояи ҳисоботи таҷрибаомӯзӣ, варақаи имтиҳонӣ ва дафтарчаи донишҷӯ гузошта мешавад ва ҳамаи ҳайати комиссия имзои худро мегузоранд. Нишондиҳандаҳои баҳогузорӣ чунинанд: баромади донишҷӯ дар вақти ҳимоя, баҳоҳои тавсиявии роҳбарони таҷрибаомӯзӣ, пуррагии шарҳи маводи овардашуда, ҷавоб ба саволҳо.

**Нишондиҳандаҳои ҳарфӣ ва рақамии баҳои имтиҳонӣ дар низоми кредитии таҳсилот чунин аст:**

| **Баҳои ҳарфӣ** | **Баҳои рақамӣ** | **Баҳо бо хол** | **Тартиби баҳогузорӣ дар системаи анъанавӣ** |
|---|---|---|---|
| A | 4,0 | $95 \le F \le 100$ | Аъло |
| A- | 3,67 | $90 \le F < 95$ | |
| B+ | 3,33 | $85 \le F < 90$ | Хуб |
| B | 3,0 | $80 \le F < 85$ | |
| B- | 2,67 | $75 \le F < 80$ | |
| C+ | 2,33 | $70 \le F < 75$ | Қаноатбахш |
| C | 2,0 | $65 \le F < 70$ | |
| C- | 1,67 | $60 \le F < 65$ | |

| | | | |
|---|---|---|---|
| D | 1,33 | $55 \le F < 60$ | |
| D- | 1,0 | $50 \le F < 55$ | |

Агар донишҷӯ дар вақти муайяншуда ҳисоботро ба кафедра насупорад, баҳои ӯ як хол паст карда мешавад.

Дар ҳолатҳои зерин донишҷӯ аз донишгоҳ хориҷ мешавад:

- ба кафедра бе сабабҳои узрнок дар муҳлатҳои муайяншуда насупоридани ҳисоботи таҷрибаомӯзӣ ё ҳимоя накардани он;
- ба пуррагӣ иҷро накардани барномаи таҷрибаомӯзӣ;
- гирифтани тақризӣ манфӣ аз роҳбари таҷрибаомӯзӣ аз объекти таҷрибаомӯзӣ;
- нарафтан ба объекти таҷрибаомӯзӣ ва пешниҳоди ҳисоботи қалбакӣ (аз тарафи кафедра санҷида мешавад);
- гирифтани баҳои 2 «ғайриқаноатбахш» баъди ҳимояи ҳисоботи таҷрибаомӯзӣ (давраи дуюм бояд азпардохти маблағи триместр).

**Замимаи 1.**

# СУПОРИШОТИ МУШАХХАС ДАР МУҲЛАТИ ТАҶРИБАОМӮЗӢ

1. Супоришоти мушаххас барои таҷрибаомӯзии истеҳсолӣ

2. Мундариҷаи супоришоти мушаххас

Имзои роҳбари таҷрибаомӯзӣ аз донишгоҳ

**Замимаи 2.**

## Намунаи мавзуъҳои супоришоти мушаххас барои таҷрибаомӯзӣ

1. Вазифа ва уҳдадориҳои объекти таҷрибаомӯзӣ
2. Расмиятҳои муфлисшавӣ.
3.Танзими ҳуқуқӣ-таърихии фаъолияти иқтисодӣ.
4. Нишонаҳои ҳуқуқӣ ва иқтисодии фаъолияти иқтисодӣ.
5. Низоми ҳуқуқи иқтисодӣ.
6. Сарчашмаҳои ҳуқуқи иқтисодӣ.
7. Масъалаҳои муҳими ҳуқуқи иқтисодӣ.
8. Мафҳум ва намудҳои субъектони фаъолити иқтисодӣ.
9. Шаклҳои ташкилии фаъолияти иқтисодӣ.
10. Ҳолати ҳуқуқии соҳибкорони инфиродӣ ватартиби бақайдгирии соҳибкорони инфиродӣ.
11. Шахсони ҳуқуқӣ ҳамчун субъекти фаъолияти иқтисодӣ.
12. Фаъолияти иқтисодии ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ.
13. Ҷамъияти дорои масъулияташ маҳдуд ва иловагӣ ҳамчун субъекти ҳуқуқи иқтисодӣ.
14. Вазъи умумии ҷамъияти саҳҳомӣ.
15. Иҷозатномадиҳӣ дар фаъолияти тиҷоратӣ.
16. Баррасии парвандаҳои муфлисшавӣ.
17. Расмияти мушоҳида.
18. Расмияти идораи беруна.
19. Расмияти истеҳсолоти озмунӣ.
20. Созишномаи мусолиҳа
21. Функсия ва принсипҳои менеҷмент.
22. Таъмини ҳуқуқии менеҷмент.
23. Ҳолати ҳуқуқии менеҷер.
24. Объектҳо ва субъектҳои муносибатҳои суғуртавӣ.
25. Шартномаи суғурта.
26. Суғуртаи мутақобила.
27. Суғуртаи тиббӣ.
28. Суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеъӣ.
29. Суғуртаи ҳатмии нафақавии касбӣ.

30. Суғуртаи давлатии иҷтимоӣ.
31. Ҳуқуқҳои асосии меҳнатӣ ва вазифаҳои корманд ва корфармо.
32. Ташкили баҳисобгирии муҳосибӣ дар корхонаҳо. Ҳолати ҳуқуқии сармуҳосиб.
33. Талаботи асосӣ барои пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳуҷҷатҳои баҳисобгирӣ.
34. Ҷавобгарии маъмурӣ дар соҳаи фаъолияти иқтисодӣ.
35. Ҷавобгарии ҷиноятӣ дар соҳаи фаъолияти иқтисодӣ.
36. Низоми молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон;
37. Танзими ҳуқуқии муносибатҳои молиявӣ ва қарзӣ дар ҶТ;
38. Муносибатҳои ҳуқуқи молиявӣ, намудҳо ва хусусиятҳои он;
39. Вазъӣ ҳуқуқии субъектони муносибатҳои ҳуқуқи молиявӣ;
40. Танзими ҳуқуқи назорати молиявӣ;
41. Вазъи ҳуқуқии мақомотҳое, ки назорати молиявиро ба амал меоранд;
42. Танзими ҳуқуқии муносибатҳои буҷетӣ дар ҶТ;
43. Сохти буҷетии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва асосҳои ҳуқуқии муқарароти он;
44. Ҷавобгарии ҳуқуқии андозсупорандагон дар ҳолати вайрон намудани қонунгузории андози ҶТ;
45. Тартиби ҳуқуқии ситонидани андоз аз фоидаи корхонаву ташкилотҳо;
46. Андоз аз амволи корхонаҳо ва тартиби ҳуқуқии ситонидани он;
47. Қарзи давлатӣ ва асосҳои ҳуқуқии тақсимкунии он;
48. Асосҳои ҳуқуқи суғурта.
49. Танзими ҳуқуқи бозори қоғазҳои қиматнок.
50. Танзими ҳуқуқи фаъолияти бонкӣ.
51. Декларант. Ҳуқуқ ва вазифаҳои он.
52. Сарчашма ва асоси ҳуқуқии фаъолияти гумрукӣ.

53. Барасмиятдарории гумрукӣ ва назорати гумрукӣ ва тартиби иҷроиши он дар объекти таҷрибаомӯзӣ.
54. Сохтори мақомоти гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон ва сохтори объекти таҷрибаомӯзӣ.
55. Боркашони гумрукӣ. Ҳуқуқ ва вазифаҳои он.
56. Шаклҳои назорати гумрукӣ ва доираи истифодабарии онҳо.
57. Низомҳои гумрукӣ ва доираи истифодабарии онҳо дар воҳидҳои сохтории раёсатҳои минтақавии гумрукӣ.
58. Декларатсияи гумрукӣ ва намудҳои он.
59. Фаъолияти мутақобила ва ҳамкории мақомоти гумрук бо дигар мақомоти давлатӣ.
60. Ҷавобгарии мақомоти гумрук ва шахсони мансабдори онҳо.
61. Салоҳияти мақомоти гумрук.
62. Шакл ва тартиби декларатсиякунонии мол ва воситаҳои нақлиёт.
63. Декларатсиякунонии электронӣ ва бартарии он.
64. Декларатсияи пешакӣ, даврӣ ва тартиби истифода бурдани онҳо.
65. Декларатсияи нопурра, муваққатӣ ва тартиби истифода бурдани онҳо.
66. Талаботҳои мақомоти гумрук оид ба хонапуркунии декларатсияи бори гумрукӣ (ДБГ).
67. Тартиби декларатсия кардани молу воситаҳои нақлиёт ҳангоми воридот.
68. Тартиби декларатсия кардани молу воситаҳои нақлиёт ҳангоми содирот.

**Замимаи 3 (Намуна)**

ВАЗОРАТИ МОЛИЯИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ МОЛИЯ ВА ИҚТИСОДИ ТОҶИКИСТОН
ФАКУЛТЕТИ МЕНЕҶМЕНТ ВА ҲУҚУҚИ ИҚТИСОДӢ

КАФЕДРАИ ҲУҚУҚИ ИҚТИСОДӢ, МОЛИЯВӢ ВА ЗИДДИКОРРУПСИОНӢ

# Ҳ И С О Б О Т

оид ба таҷрибаомӯзии

______________________________________________

______________________________________________

(таълимӣ, истеҳсолӣ, пешаздипломӣ)

дар

______________________________________________

______________________________________________

(номи муассиса)

Иҷро кард: донишҷӯи курси 4 – уми
Ихтисоси 1-24010302 – танзими ҳуқуқии молия ва қарз,
гурӯҳи «А» Соҳибов Манучеҳр Сабурович

Роҳбари таҷрибаомӯзӣ аз кафедра,

________ __________________
(имзо) (ному насаб)

Роҳбари таҷрибаомӯзӣ аз муассиса,

________ __________________
(имзо) (ному насаб)

Ба кафедра супорида шуд: ________________________ № ___
сана ва имзои шахси мутасаддӣ)

Баҳои ҳисоботи таҷрибаомӯзӣ бо қарори комиссия ______________________________________________________________

______________________________________________________________

(имзои ҳайати комиссия)

_________________________________

_________________________________

_________________________________

**Душанбе-2022**

**Замимаи 4.**

# ФЕҲРЕСТИ ПАЙГОҲҲОИ (ОБЪЕКТ) ТАҶРИБАОМӮЗИИ ДОНИШҶӮЁНИ ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ МОЛИЯ ВА ИҚТИСОДИ ТОҶИКИСТОН

| № | НОМГӮЙИ ПАЙГОҲҲОЕ, КИ ДОНИШГОҲ ШАРТНОМАҲОИ ҲАМКОРИРО БА ИМЗО РАСОНИДААСТ | МӮҲЛАТИ ШАРТНОМАҲОИИ ҲАМКОРӢ | |
|---|---|---|---|
| 1 | ҶСК «ТОҶИКТРАНСГАЗ» | 31.12.2021 | 31.12.2026 |
| 2 | БДА «АМОНАТБОНК» | 05.01.2021 | 31.12.2026 |
| 3 | ХАДАМОТИ ГУМРУКИ НАЗДИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН | 26.12.2021 | 31.12.2026 |
| 4 | СУДИ ОЛИИ ИҚТИСОДИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН | 02.01.2021 | 31.12.2026 |
| 5 | ҶДММ ТАКХ «МАТИН» | 15.09.2018 | 31.12.2022 |
| 6 | ҶДММ «НОҚИЛИ ТАЛКО» | 13.11.2017 | 31.12.2022 |
| 7 | ҶДММ «БИРЖАИ ФОНДИИ ОСИЁИ МАРКАЗӢ» | 12.03.2018 | 31.12.2022 |
| 8 | АГЕНТИИ АВИАТСИЯИ ГРАЖДАНИИ НАЗДИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН | 12.03.2019 | 31.12.2023 |
| 9 | ҶДММ ТАҚХ «ФИНКА» | 23.05.2018 | 31.12.2023 |
| 10 | ҶСП ТАҚХ «ХУМО» | 12.06.2018 | 31.12.2023 |
| 11 | ҶСК «ОРИЁНБОНК» | 02.04.2018 | 31.12.2023 |
| 12 | ВАЗОРАТИ КОРҲОИ ХОРИҶИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН | 29.03.2018 | 31.12.2023 |
| 13 | ВАЗОРАТИ НАҚЛИЁТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН | 31.10.2018 | 31.12.2023 |
| 14 | ҶДММ «ШМС КАБИР ТИҶОРАТ ГУРРУҲ» | 12.12.2018 | 31.12.2023 |
| 15 | ҶСК «ГУЛИСТОНИ ДУШАНБЕ» | 30.12.2019 | 31.12.2023 |
| 16 | ҶДММ ТҚХ «ОКСУС» | 13.02.2019 | 31.12.2023 |
| 17 | ҶСП «СПИТАМЕНБОНК» | 14.02.2019 | 31.12.2023 |
| 18 | ФИЛИАЛИ ҶСК «ОРИЁНБОНК» ДАР ШАҲРАКИ СОМОНИЁНИ НОҲИЯИ РӮДАКӢ | 01..01.2019 | 31.01.2023 |

| | | | |
|---|---|---|---|
| 19 | КОЛЛЕҶИ ТЕХНИКИИ ДОНИШГОҲИ ТЕХНИКИИ ТОҶИКИСТОН БА НОМИ М. ОСИМӢ | 02.02.2018 | 20.07.2023 |
| 20 | КОЛЛЕҶИ ОМОРИ ШАҲРИ ВАҲДАТ | 22.05.2019 | 22.05.2024 |
| 21 | КВД «ШИРКАТИ АЛЮМИНИЙИ ТОҶИК» | 01.01.2019 | 31.12.2024 |
| 22 | АССОТСИЯТСИЯИ МЕНЕҶЕРОН | 05.06.2018 | 31.12.2024 |
| 23 | ИНСТИТУТИ ИҚТИСОДИЁТИ КИШОВАРЗИИ АМИКҶТ | 31.12.2019 | 31.12.2024 |
| 24 | «ФОНДИ ДАСТГИРИИ СОҲИБКОРИИ ИСТЕҲСОЛИИ ШАҲРИ ДУШАНБЕ» | 12.11.2020 | 31.12.2025 |
| 25 | КУМИТАИ РУШДИ САЙЁҲИИ НАЗДИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН | 09.02.2021 | 31.12.2025 |
| 26 | АГЕНТИИ СОДИРОТИ НАЗДИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН | 04.02.2021 | 31.12.2025 |
| 27 | ҶСК «ТАВҲИДБОНК» | 11.02.2021 | 31.12.2025 |
| 28 | ВАЗОРАТИ МОЛИЯИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН | 01.10.2012 | 01.10.2042 |
| 29 | ВАЗОРАТИ САНОАТ ВА ТЕХНОЛОГИЯҲОИ НАВИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН | 15.02.2021 | 31.12.2025 |
| 30 | ҶСК «АЛИФ БОНК» | 15.02.2021 | 31.12.2025 |
| 31 | КВД БОНКИ САНОАТИВУ СОДИРОТИИ ТОҶИКИСТОН САНОАТСОДИРОТБОНК" | 15.02.2021 | 31.12.2025 |
| 32 | ВАЗОРАТИ КИШОВАРЗИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН | 15.02.2021 | 31.12.2025 |
| 33 | ВАЗОРАТИ АДЛИЯИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН | 15.02.2021 | 31.12.2025 |
| 34 | ВАЗОРАТИ МЕҲНАТ, МУҲОҶИРАТ ВА ШУҒЛИ АҲОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН | 15.02.2021 | 31.12.2025 |
| 35 | ВАЗОРАТИ РУШДИ ИҚТИСОД ВА САВДОИ ҶУМҲУРИИ | 15.02.2021 | 31.12.2025 |

| | | | |
|---|---|---|---|
| | ТОҶИКИСТОН | | |
| 36 | ВАЗОРАТИ ФАРҲАНГИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН | 15.02.2021 | 31.12.2025 |
| 37 | КУМИТАИ ДАВЛАТИИ САРМОЯГУЗОРИ ВА ИДОРАИ АМВОЛИ ДАВЛАИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН | 15.02.2021 | 31.12.2025 |
| 38 | ХАДАМОТИ АЛОҚАИ НАЗДИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН | 15.02.2021 | 31.12.2025 |
| 39 | ХАДАМОТИ ЗИДДИИНҲИСОРИИ НАЗДИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН | 15.02.2021 | 31.12.2025 |
| 40 | АГЕНТИИ СУҒУРТАИ ИҶТИМОӢ ВА НАФАҚАИ НАЗДИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН | 15.02.2021 | 31.12.2025 |
| 41 | АГЕНТИИ ЗАХИРАҲОИ МОДДИИ ДАВЛАТИИ НАЗДИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН | 15.02.2021 | 31.12.2025 |
| 42 | АГЕНТИИ СТАНДАРТИЗАТСИЯ, МЕТРОЛОГИЯ, СЕРТИФИКАТСИЯ ВА НОЗИРОТИ САВДОИ НАЗДИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН | 15.02.2021 | 31.12.2025 |
| 43 | АГЕНТИИ ХАРИДИ МОЛ, КОР ВА ХИЗМАТРАСОНИИ НАЗДИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН | 15.02.2021 | 31.12.2025 |
| 44 | АГЕНТИИ ХОҶАГИИ ҶАНГАЛИ НАЗДИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН | 15.02.2021 | 31.12.2025 |
| 45 | КУМИТАИ БЕХАТАРИИ ОЗУҚАВОРИИ НАЗДИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН | 15.02.2021 | 31.12.2025 |
| 46 | МАРКАЗИ ТАТҚИҚОТИ СТРАТЕГИИ НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН | 15.02.2021 | 31.12.2025 |
| 47 | АГЕНТИИ НАЗОРАТ ДАР СОҲАИ | 15.02.2021 | 31.12.2025 |

| | | | |
|---|---|---|---|
| | МАОРИФ ВА ИЛМИ НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН | | |
| 48 | КУМИТАИ РУШДИ МАҲАЛИ НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН | 15.02.2021 | 31.12.2025 |
| 49 | АГЕНТИИ ХИЗМАТИ ДАВЛАТИИ НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН | 15.02.2021 | 31.12.2025 |
| 50 | АГЕНТИИ НАЗОРАТИ ДАВЛАТИИ МОЛИЯВӢ ВА МУБОРИЗА БО КОРРУПСИЯИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН | 15.02.2021 | 31.12.2025 |
| 51 | АГЕНТИИ МАВОДИ НАШЪАОВАРИ НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН | 15.02.2021 | 31.12.2025 |
| 52 | АГЕНТИИ  ОМОРИ НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН | 15.02.2021 | 31.12.2025 |
| 53 | ПАЛАТАИ ҲИСОБИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН | 15.02.2021 | 31.12.2025 |
| 54 | МАРКАЗИ МИЛЛИИ ҚОНУНГУЗОРИИ  НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН | 15.02.2021 | 31.12.2025 |
| 55 | ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН | 06.02.2014 | БЕМӮҲЛАТ |
| 56 | ВАЗОРАТИ ТАНДУРУСТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН | 25.01.2016 | БЕМӮҲЛАТ |
| 57 | ВАЗОРАТИ ЭНЕРГЕТИКА ВА ЗАХИРАҲОИ ОБИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН | 26.12.2012 | БЕМӮҲЛАТ |
| 58 | КВД «ТОҶИКСУҒУРТА» | 16.12.2010 | БЕМӮҲЛАТ |
| 59 | КУМИТАИ АНДОЗИ НАЗДИ ҲУКУМАТИ  ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН | 30.10.2012 | БЕМӮҲЛАТ |
| 60 | ТАШКИЛОТИ ҲУҚУҚ ВА РУШДИ ҶОМЕЬАИ ДЕҲОТИ ДАР | 13.10.2018 | БЕМӮҲЛАТ |

<table>
<tr><td></td><td>ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН</td><td></td><td></td></tr>
<tr><td colspan="4">Эзоҳ: донишҷӯёни Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон метавонанд дар асоси шартномаҳои ҳамкорӣ, ки байни вазоратҳо, корхонаву ташкилотҳо ва донишгоҳ баста шудааст, зерсохторҳо ва намояндагон онҳоро дар вилоят, шаҳр ва ноҳияҳо ҳамчун пойгоҳи (объект) таҷрибаомӯзии таълимӣ, истеҳсолӣ ва пешаздипломӣ интихоб намоянд. Дар ҳолати қабул нагардидани донишҷӯён аз тарафи намояндагони пойгоҳҳои (объект) таҷрибаомӯзӣ, бевосиба ба бахши таҷрибаомӯзӣ ва рушди касбияти донишгоҳ муроҷиат намоянд.<br><br>Сардори бахши тачрибаомӯзӣ ва рушди<br>касбияти донишгоҳ<br>Шуҳрат Сулаймонзода<br>Тел: +992 940 63 63 63<br>+992 915 30 66 66 (Ватсап, ИМО, Вайбер, Телеграм)<br>Суроғи элетронӣ: Sulaymonzoda_sh@mail.ru</td></tr>
</table>

**Бобоев Ҷамрод Қурбонович**
**Шарипов Умедҷон Абдукаримович**
**Каримов Хусейн Мухторович**
**Оралбаев Хамза Хайдарович**

**Д А С Т У Р И   М Е Т О Д Ӣ**

доир ба таҷрибаомӯзии таълимӣ, истеҳсолӣ, пешаздипломӣ (барои донишҷӯёни ихтисосҳои 1–24010300 – ҳуқуқи иқтисодӣ, 1–24010302 – танзими ҳуқуқии молия ва қарз, 1-96010101 – таъмини ҳуқуқии фаъолияти гумрукӣ)